**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мактабу маориф яке аз самтҳои аввалиндараҷа ва хеле муҳими ҷомеаи имрӯза ба шумор рафта, яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Зеро тарбияи инсони солиму ватандӯст, худшиносу худогоҳ, тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи матлуб маҳз ба соҳаи маориф вобастагӣ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 зикр намуданд, ки “агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад”.

Дар заминаи ин гуфтаҳо, диссертатсияи мазкур, яке аз тадқиқотҳои илмии даврони истиқлолият ба шумор рафта, аҳамияти илмиро доро мебошад. Ин тадқиқот барои дарки илмии равандҳо ва падидаҳои мусбию манфии соҳаи маориф дар шароити соҳибистиқлолӣ, аз масоили ниҳоят муҳим ва рӯзмарра мебошад.

Тадқиқоти илмии мазкур мубрамии худро дорад, зеро омӯзиши раванди тараққиёти мактабу маориф аз дидгоҳи минтақавӣ пеш аз ҳама, аз аҳамияти таърихии он равандҳое бармеояд, ки имрӯз дар ҷомеаи мо, бахусус дар соҳаи маориф ҷараён доранд. Сониян, таҳлил ва ошкор намудани факту рақамҳои соҳаи маорифи минтақаи мавриди назар ба объективона тавзеҳ додани нақш ва рушди низоми таҳсилот дар сатҳи кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Моҳияти баррасии мавзуъ аз он иборат аст, ки дар шароити муосири Тоҷикистон, омӯзиши рушди низоми таҳсилот дар даврони истиқлолият, ошноӣ пайдо кардан ба мушкилоти мубрами соҳа, ҷамъбаст ва хулоса кардани таҷрибаи таърихии андӯхташудаи рушди маориф, ошкорнамоии тамоюлҳои асосии такмили мактабу маориф дар давраи барқарории давлатдории миллӣ аҳамияти рӯзафзуни илмӣ касб мекунад.

Аз тарафи дигар, имрӯз барои таҳлили ҳаматарафаи бурду бохти сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар заминаи омӯхтани ҳуҷҷату асноди минтақавӣ, аз ҷумла минтақаи Кӯлоб барои таҳқиқи таҷрибаи таърихии таҳия ва татбиқи амалии сиёсати давлатӣ дар ин самт зарурат пайдо шудааст.

Таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда аз тарафи муаллиф нишон медиҳад, ки дар бораи таърихи ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти мактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд интишороти ҷудогона мавҷуданд, вале дар айни ҳол, бисёре аз онҳо аз ҷиҳати методологӣ ҳамаҷониба ва бо нигоҳи

интиқодӣ равандҳои таҳаввулотро дар низоми мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб равшан намесозанд.

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва пешниҳодот, рӯйхати манобеъ ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Мубрамият ва интихоби мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, дараҷаи коркарди он, объект, доираи ҷуғрофӣ ва чаҳорчӯбаи хронологӣ, методологияи тадқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, пойгоҳи сарчашмавии тадқиқоти диссертатсионӣ дар муқаддима ба дараҷаи кофӣ муайян ва асоснок карда шудааст.

**Боби якум - “Вазъи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар солҳои 90-уми асри ХХ”** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар ин боб масъалаи таърихи мактабу маорифи вилояти Кӯлоб дар марҳалаи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва давраи барқарории соҳибистиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Унвонҷӯ тавонистааст, дар ин боб норасоию камбудиҳои ҷиддӣ, ки ба назар мерасиданд, нишон диҳад. Дар маҷмӯъ, сарфи назар аз камбудиҳою норасоиҳои дар низоми мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб дар охири солҳои 80-ум ҷойдошта, бо боварии том изҳор менамояд, ки ин соҳа ба давраи нави таърихӣ, яъне давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ бо нишондиҳандаҳои хуб ворид гардида буд.

Диссертант зимни баррасии ин боб, мушкилоти дар асари ҷанги таҳмилӣ ба сари намояндагони соҳаи мактабу маорифи минтақаи Кӯлоб омадаро гурӯҳбандӣ карда тавонистааст, ки яке аз дастовардҳои муаллиф мебошад.

Диссертант қайд менамояд, ки фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ба низоми мактабу маориф ва таъмини пойгоҳи моддию таълимии онҳо, аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб, бетаъсир набуданд.

Муаллифи рисола натиҷаи асосии солҳои ислоҳотро хеле равшану возеҳ мавриди омӯзиш қарор дода, хулоса менамояд, ки дар минтақа, ҳарчанд ба оҳистагӣ ҳам бошад, раванди ислоҳоти мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ идома ёфта, ба раванди таҳсилот навгониҳои назаррас ворид карда шуданд.

**Боби дуюм – “Рушди маорифи минтақа дар ибтидои асри XXI”** низ аз се зербоб иборат мебошад. Хулосаи диссертант аз он иборат аст, ки таҳкими пойгоҳи моддӣ ва рушди раванди таълим дар минтақаи Кӯлоб аз оғози солҳои 2000-ум бошиддат ҷараён гирифта, дар бисёре аз самтҳои фаъолияти соҳа нишондиҳандаҳои хеле баланд ва ҳатто камназир ба даст оварда шудаанд.

Ҳамзамон, ба муаллиф муяссар гардидааст, ки унсурҳои кори илмиашро, ки ҷанбаи навгонӣ доранд мушаххас нишон дода тавонад.

Дар хулоса, натиҷаҳои умумии тадқиқот ҷамъбаст ва пешниҳодоти муаллиф барои рушди соҳа баён карда шудааст.

Ҳамин тавр, рисолаи номзадии мазкур моҳиятан нахустин кори илмии назариявие мебошад, ки таҷрибаи таърихии рушди мактабу маорифи минтақаи

Кӯлобро дар охири даврони шӯравӣ ва замони истиқлолият ҷамъбандӣ карда, мушкилиҳои дар ин самт ҷойдоштаро дар тадқиқоти илмӣ пурра месозад.

Рисолаи диссертатсионии **Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом** тадқиқоти илмии анҷомёфта ҳисобида шуда, норасоии илмиро дар таърихнигории Тоҷикистон пурра менамояд ва на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

Дар баробари ин, мехостам оид ба баъзе камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар рафти баррасӣ ва таҳлили автореферати рисолаи диссертатсионӣ муайян шудаанд, ибрози андеша кунам.

Хуб мешуд, агар, дар боби 2-и рисола дар бораи динамикаи бунёд ва ба истифода додани мактабҳои нав, таъмини ин мактабҳо аз ҷиҳати пойгоҳи моддӣ мушаххасан аз тарафи муаллиф таваҷҷуҳ зохир карда шавад. Зеро дар автореферат ин масъала ба назар намерасад.

Дар матни диссертатсия ба як қатор хатогихои техникӣ, имлогӣ ва услубӣ роҳ дода шудааст.

Аммо, ин эроду норасоиҳо ва камбудиҳо хусусияти принсипиалӣ надошта, аҳамият ва моҳияти илмии тадқиқотро паст наменамояд.

Автореферат мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, рисолаи Сафарзода Ғазалшоҳ Ғулом дар мавзӯи “Рушди маорифи вилояти Хатлон дар охири асри XX - ибтидои асри XXI (дар заминаи маводи минтақаи Кӯлоб)” ба тамоми талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи “Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ” ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

Муқарриз:
мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон,
номзади илмҳои таърих, дотсент Абдуллоев И. Р.
27.01.2023 сол

Имзои Абдуллоев И. Р. – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистонро тасдиқ менамоям.

Сардори ШК ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон,
номзади илмҳои техникӣ Сулейманова Н. А.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бӯстон,
к. А. Баротов 6., тел. 992927555713,
E-mail: ikromabdulloev@mail.ru